«Тасдиқ мекунам»
Директори ММЗГ-и АИКТ,
________ н.и.к., Кароматов Ш.Ш.
аз «_3_» ___07___ с. 2023

**Хулосаи**

**ҷаласаи шуъбаи зироатҳои сабзавотӣ, полизӣ, дарахтони мевадиҳанда, ангур ва растаниҳои шифобахши Маркази миллии захираҳои генетикии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон**

Ба кори Намозов Амонулло Каримхонович дар мавзуи “Омӯзиши муқоисавӣ навъу намунаҳои себҳои маҳаллӣ, интродуксионӣ ҷорӣ намудани беҳтаринҳо дар истеҳсолот” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси 06.01.05. – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ дар Шуъбаи зироатҳои сабзавотӣ, полизӣ, дарахтони мевадиҳанда, ангур ва растаниҳои шифобахши Маркази миллии захираҳои генетикии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, солҳои 2014-2018 иҷро шудааст.

Намозов Амонулло Каримхонович, соли таваллудаш 1990, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, соли 2007 Донишгоҳи давлатии шаҳри Кулоб ба номи А. Рӯдакӣ дохил шуда, онро соли 2012 аз рӯйи ихтисоси биология хатм намудаст. Соли 2013 аспиранти Шуъбаи зироатҳои сабзавотӣ, полизӣ, дарахтони мевадиҳанда, ангур ва растаниҳои шифобахш аз рӯйи 06.01.05. – Селексия ва тухмипарварии зироатҳои кишоварзӣ ба қайд гирифта шуда, онро соли 2016 хатм намудаст.

Мавзуи рисолаи диссертатсионӣ унвонҷӯ Намозов Амонулло Каримхонович “Омӯзиши муқоисавӣ навъу намунаҳои себҳои маҳаллӣ, интродуксионӣ ҷорӣ намудани беҳтаринҳо дар истеҳсолот” дар Шӯрои

олимони ММЗГ-и АИКТ, суратҷаласаи № 30, аз 31.12.2012 тасдиқ карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ**: Назиров Ҳикматуло Нуруллоевич, доктори илмҳои кишоварзӣ, сарходими илмии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

**Мушовири илмӣ:** Гулов Саидали Маъмурович, доктори илмҳои биологӣ, узлви вобастаи АМИТ, профессори кафедраи меваю сабзавот ва токпарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

**Муқарризон:**

Баротов Ф.М. н.и.к., ходими калони илимии шуъбаи зироатҳои сабзавотӣ, полизӣ, дарахтони мевадиҳанда, ангур ва растаниҳои шифобахши Маркази миллии захираҳои генетикии АИКТ ва Шомуродова С.Б. ходими калони илмии шуъбаи зироатҳои сабзавотӣ, полизӣ, дарахтони мевадиҳанда, ангур ва растаниҳои шифобахши Маркази миллии захираҳои генетикии АИКТ.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Яке аз бахшҳои асосии пешбарандаи иқтисодиёти мамлакат соҳаи кишоварзӣ ба шумор рафта, дар солҳои охир новобаста аз таъсири офатҳои табиӣ, омилҳои бӯҳронӣ ва антропогенӣ дар сатҳи устувор қарор дорад. Аммо масъалаҳои муҳими соҳаи кишоварзӣ, аз он ҷумла сиёсати аграрӣ, номуайянии шаклҳои рушди минбаъдаи он баррасӣ нашудаанд. Бинобар ин, аз тамоми имконниятҳои мавҷуда бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва захираҳои табиӣ бояд ба таври зарурӣ истифода намуд.

Шароити хоку иқлими Тоҷикистон, хусусан водии Ҳисор барои парвариши дарахтони мевадиҳанда мусоид мебошад. Боғдорӣ бахши муҳими кишоварзӣ ба шумор рафта, он дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва сабади истеъмолӣ мавқеи намоёнро ишғол менамояд, чунки меваҷот дар баробари маводи ғизоӣ ҳамчунин, маводи табобатӣ низ мебошад. Рушди бемайлони боғдорӣ вобаста ба афзоиши аҳолӣ дар ҷумҳурӣ

масъалаи мубрами рӯз мебошад. Чунки аҳолии мамлакт рӯз то рӯз зиёд шуда, талаботи аҳолӣ низ ҳамасола аз ҳисоби меваҷоту сабзавот, ғалладонаю лӯбиёгиҳо афзоиш ёфта истодаанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Дар раванди кори диссертатсия таҷрибаи олимони соҳаи селексия ва растанипарварӣ истифода шудааст, Н.И. Вавилов, 1938, И.Т. Васильченко, солҳои 1948, 1957, 1963, В.И. Запрягаева, 1964, В.В. Пономаренко, солҳои 1979, 1980, 1982, В.И. Авдеев, Н. Камолов., Ҳ.Н. Назиров, З.А. Авдеева, 1986 С.М.Гулов, Ф. Урунов, Ҳ.Н. Назиров 1999, Х. Сафаралиев, С. Маҳмадаминов 2010 ва дигарон, ки дар тадқиқотҳои худ, гуногуншакли ва хусусиятҳои биологию хоҷагидории навъҳои воридшуда, маҳаллӣ ва ёбоии дарахтони мевадиҳандаро нишон додаанд, истифода гардидаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти илмии мазкур дар заминаи Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми августи соли 2012, №383), Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №793, аз 30-юми декабри соли 2015), ҳамчунин, мавзуи рисола ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумат таҳти № ГР 01890003132, аз 5-уми январи соли 2016 тасдиқ карда шудааст, мувофиқат мекунад. Кори диссертатсионӣ тибқи мавзуи корҳои илмию таҳқиқотии шуъбаи зироатҳои сабзавотӣ, полизӣ, дарахтони мевадиҳанда, ангур ва растаниҳои шифобахши Маркази миллии захираҳои генетикии АИКТ, дар доираи лоиҳаи "Ҷамъоварӣ, омӯзиш ва нигоҳдории навъу намунаҳои зироатҳои сабзавотию полизӣ ва дарахтони мевадиҳандаи маҳаллию мутобиқгардида дар шароити Тоҷикистони Марказӣ" барои солҳои 2016-2020 (РКД 0116TJ00601) иҷро гардидааст.

## Тавсифи умумии таҳқиқот

**Мақсади таҳқиқот:** Баҳодиҳии агробиологӣ, ҷудо кардани навъҳои беҳтарини себҳои маҳаллӣ ва шаклҳои ёбоии он барои истифодабарӣ дар корҳои селексионӣ, ғани гардонидани навъу хелҳои гуногуни боғдории ҷумҳурӣ, бунёди боғҳои саноатии интенсивӣ ва роҳҳои ҳифзу нигоҳ доштани захираҳои генетикии навъҳои маҳаллии себ.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

- Омӯхтани қонуниятҳои ҷараёни марҳилаҳои фенологӣ дар давраи рушди солонаи себҳои маҳалӣ, шаклҳои ёбоии он ва навъҳои воридшуда;

- Муайян намудани хусусиятҳои биологӣ (тобоварӣ ба шароити табиӣ, хушкӣ, таркиби хок ва ҳарорати ҳаво), дараҷаи паҳншавии онҳо дар минтақа;

- Баҳо додани устувории навъу шаклҳои себ ба хушкӣ.

- Баҳодиҳӣ ба нашъунамои навъҳои себ дар шароити водии Ҳисор;

- Муайян намудани тобоварии навъҳои себ ба касалиҳо, хусусан, касалиҳои хатарноки занбуруғӣ – қӯтурак (*Venturia inaequalis (Cooke) Winter*), гардзанӣ (*Podosphaera leucotricha Salm*) ва муайян намудани манбаъҳои устуворнокии комплексӣ ба бемориҳо;

- Муайян намудани маҳсулнокии себ вобаста ба навъ;

- Омӯхтани навъу шаклҳои себ аз рӯйи аломатҳои маҳсулнокӣ, ҳосилбандии мунтазам, ҳосилнокӣ, ҷудо кардани навъу шаклҳои себ, ки дорои хусусиятҳои беҳтарини арзишноканд ва барои истифода дар селексия ва бунёд намудани боғҳои ҳозиразамон;

- Муайян намудани сифатҳои таъмӣ, техникӣ ва нишондиҳандаҳои биохимиявии меваҳои навъу шаклҳои себ;

- Ҷудо кардани навъу шаклҳое, ки манбаи сифати баланди мева мебошанд ва истифодаи он барои корҳои селексионӣ;

- Ҷудо кардани навъу шаклҳои пурқимати ояндадори себ ҳамчун маводи аввалияи селексионӣ ва ғани гардонидани ассортименти навъҳои себ дар ҷумҳурӣ.

- Баҳо додани самараи иқтисодии навъу шаклҳои ояндадори себ ва муайян кардани навъҳои камхарҷ барои ташкили боғҳои саноатӣ дар ҷумҳурӣ;

- Таҳияи тавсияномаи илман асосноккардашуда оид ба навъҳои маҳаллии себ, навъҳои воридотӣ ва шаклҳои себи ёбоӣ барои парвариш.

**Объекти таҳқиқот** навъҳои маҳаллӣ, шаклҳои ёбоӣ ва воридшудаи себ дар шароити водии Ҳисор, ки давраи пухтарасии меваашон ва ҳосилнокиашон новобаста аз ҳаҷми мева гуногунанд.

**Мавзӯи (предмет) таҳқиқот.** Омӯзиши агробиологии коллексияи навъҳои себҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор.

**Навгонии илмиии таҳқиқот.** Бори аввал баҳодиҳии агробиологии навъҳои маҳаллӣ, навъҳои воридшуда ва шаклҳои ёбоии себ, хусусиятҳо ва қонуниятҳои зуҳуроти нерӯи мутобиқшавӣ ва маҳсулнокии навъу шаклҳои ояндадори себ вобаста ба тағйирёбии иқлим ва хосияти навъӣ дар шароити водии Ҳисор муайян карда шуданд.

Аввалин маротиба аз байни шаклҳои ёбоии себ, 4 - шакли ёбоии себ, бо аломатҳои ба хушкӣ устувор ҷудо карда шуданд. Дар шароити тағйирёбии иқлим баҳодиҳии устувориятнокии навъу шаклҳои себ ба касалиҳои гардзанӣ, кӯтурак гузаронида шуд. Дар баробари ин афзоиши зарарнокии касалиҳои кӯтурак ва гардзанӣ, ки бо зиёд шудани таъсири маҷмӯи фишорҳо дар марҳилаи гулкунӣ ва пас аз он рост меояд, муайян карда шуд, ки он имкон дод навъ ва шаклҳои тобовартарин манбаъҳои ин аломат муайян карда шаванд. Ҳамчунин, бори аввал барои парвариши себ базаи маълумотнома, ки дар он тавсифи пурраи 5- навъи маҳаллӣ, 6- навъи воридшуда ва 4- шакли ёбоии себ, дар шароити водии Ҳисор омӯхта шудаанд ва аз рӯйи аломатҳои асосии селексионӣ ва иқтисодӣ пурарзишанд, таҳия карда шуданд.

**Аҳамияти назарявӣ ва илмию амалии таҳқиқот.** Истифодаи навъҳои беҳтарини маҳаллию воридотии себ барои бунёди боғҳои саноатӣ, нишондодҳои ҳосилнокӣ ва сифати молии себ дар шароити водии Ҳисор,

яке аз масъалаҳои муҳим буда, муайянкунии маҳсулнокии навъҳои себ дар шароити минтақа ва нақши он дар таъмини талаботи аҳолӣ бо маводи ғизоӣ муфид арзёбӣ мешавад. Мутобиқати навъҳои воридотию маҳаллии себ вобаста ба тағйирёбии шароити хокии водии Ҳисор, вобаста ба таъсири омилҳои абиотӣ бо мақсади асоснок намудани парвариши ҳосили дилхоҳи себ аз ҷумлаи самти асосии тадқиқоти мазкур мебошад. Ҳолати кунунии солҳои охир барои ҳамаи минтақаҳои зироаткории Ҷумҳурии Тоҷикистон басо нигаронкунанда буда, боиси паст гардидани ҳосилнокӣ ва сифати маҳсулотро ифода менамояд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

✓ Омӯхтани хусусиятҳои биологии навъҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии себ;

✓ Хусусиятҳои муқарраршудаи фенологӣ, биологии навъҳои маҳаллӣ ва шаклҳои ёбоии себ;

✓ Истифода бурдани хусусиятҳои арзишноки навъу шаклҳои маҳсулнокиашон баланд.

✓ Омӯхтани хусусиятҳои тобоварӣ ба шароити табиӣ, хушкӣ, таркиби хок ва ҳарорати ҳаво;

✓ Баҳодиҳӣ ба нашъунамои навъҳои себ дар шароити водии Ҳисор;

✓ Муайян намудани тобоварии навъҳои себ ба касалиҳо, хусусан, касалиҳои хатарноки занбӯруғӣ – кӯтурак (*Venturia inaequalis (Cooke) Winter*), гардзанӣ (*Podosphaera leucotricha Salm*) ва муайян намудани манбаъҳои устуворнокии комплексӣ ба бемориҳо;

✓ Ҷудо кардани навъу шаклҳои пурқиматиояндадори себ ҳамчун маводи аввалияи селексионӣ ва ғани гардонидани ассортименти навъҳои себ дар ҷумҳурӣ;

✓ Тавсияи илман асоснок оид ба истифодаи навъҳои пурмаҳсули маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии себ дар шароити водии Ҳисор.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва таҷрлибаҳои саҳроӣ оид ба баҳодиҳии агробиологии навъҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои себи ёбоии Тоҷикистон барои

мувофиқойии парвариши онҳо дар шароити водии Ҳисор мувофиқи методикаи таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи кишоварзии самти растанипарварӣ гузаронида шуда, коркард карда, исбот шуда, дар асоси талаботи Дастури таҷрибаҳои саҳроӣ, мувофиқи услуби пешниҳодкардаи Б.А.Доспехов 1985 роҳандозӣ шуда, натиҷаҳои ба даст омада, тавассути усули таҳлили оморӣ коркард карда шуда, натиҷаҳои дастрастгардида бо истифода аз усули таҳлили дисперсионӣ дар барномаи компютерии *Microsoft Excel,* 2010 иҷро карда шуданд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ (бо шарҳ ва соҳаи таҳқиқот).** Соҳаи таҳқиқоти мавзуи диссертатсионии унвонҷӯй агробиология ва коллексияҳои дарахтони себ буда, мазмуни диссертатсия ва таҳқиқоти иҷрошуда ба шиносномаи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ, озмоишгоҳӣ, гузаронидани мушоҳидаҳои фенологӣ, муайянкунии аломатҳои биометрӣ, коркарди дисперсионию математикии натиҷаҳо, самаранокии иқтисодӣ, навиштани мақолаҳои илмӣ ва аслияти матни дисертатсия ба 87,84% баробар мебошад. Диссертатсия аз 128 саҳифаи компютерӣ иборат буда, аз муқаддима, 5 боб, натиҷаҳои таҳқиқот, хулоса, тавсияҳо ба истеҳсолот, 17 расм, 5 диаграмма ва 23 ҷадвал иборат мебошад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои диссертатсия дар шакли маърӯзаҳои илмӣ дар семинарҳои Институти илмию таҳқиқотии зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (2014-2023); Конференсияи илмию назариявии ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе, 2016); Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии “Ҳолати гуногунии биологӣ дар шароити тағйирёбии иқлим” (Данғара, 2017); Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии “Аҳамияти технологияи

муосир дар баланд бардоштани истеҳсолоти кишоварзӣ” (Душанбе, 2017); Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии “Истифодаи самараноки омилҳои биоиқлимӣ дар парвариши зироатҳои кишоварзӣ” (Душанбе, 2018); Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Мушкилоти муҳими самаранок истифодабарии захираҳои замин ва об дар хоҷагии қишлоқ, дар шароити ҷаҳонишавии тағйирёбии иқлим” (Душанбе, 2019); Конференсияи VIII-уми байналмилалии “Хусусиятҳои экологии гуногулнии биологӣ” (Хуҷанд, 2019); Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Энергияи сабз ва ҳифзи экосистемаҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Кӯлоб, 2023), Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “Нақши Пешвои миллат дар саноатикунонии соҳаи кишоварзии мамлакат ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин” (Данғара, 2023) ва ғайра таъйид шудаанд.

Таҷрибаҳо ва рафти иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ давоми солҳои 2014-2018 аз тарафи комиссияи апробатсионии Маркази миллии захираҳои генетикии АИКТ бо иштироки намояндагон аз Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Институти боғдорӣ, Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур санҷида шуда, баҳогузорӣ карда шудаанд.

**Натиҷаҳои нисбатан амиқи дастовардаи худи унвонҷӯ, навгониҳо ва аҳамияти амалии онҳо.** Барои корҳои селексионӣ манбаъҳои нави хусусиятҳои пурқиматдоштаи себ муайян карда шуданд, ки ин имконият медиҳад шаклҳои ибтидоии волидайн барои дурагакунӣ самаранок интихоб шуда, раванди селексионӣ тезонида шавад. Барои истеҳсолот навъҳои ояндадор, ки дорои тамоми хусусиятҳои арзишноканд ва аз ҷиҳати иқтисодӣ аҳамияти калон доранд, пешниҳод карда мешаванд, ки он самараи иловагӣ ба истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад.

Натиҷаҳои илмӣ ва санҷиши истеҳсолии таҷрибаҳои саҳроӣ оид ба маҳсулнокии навъҳои маҳаллӣ ва воридотии себ дар майдони 2 гектар дар хоҷагиҳоии деҳқонии "Тағой"-и н.Вахши Вилояти Хатлон ва дар Хоҷагиҳои деҳқонии «Сарикиштӣ»-и ноҳияи Рӯдакӣ амалӣ гаштааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия 8- маводи илмӣ дар маҷаллаҳо ва конфренсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ аз ҷумла 4- мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1- тавсиянома бо номи "Боғпарварӣ" ба чоп расидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**
**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

**[1-М]. Намозов А.К.** Сравнительное сортоизучения некоторых местных сортов яблоны в условиях центрального Таджикистана / С. Гулов, А.К. Намозов // "Кишоварз"(Земледелец) ДАТ, - 2014.- № 4, -С. 78-79, ISSN 2074-5435

**[2-М]. Намозов А.К.** Бололгические особенности выращивание и повышение урожайности местных сортов яблоны в условиях гиссарской долины Таджикистана / С.Гулов, А.Намозов // "Кишоварз"(Земледелец) ДАТ, - 2016.- № 8, -С. 195-197, ISSN 2074-5435

**[3-М]. Намозов А.К**. Адаптации и вегетационный период у местных сортов яблонӣ / С. Гулов, А.К. Намозов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Душанбе- 2018, -№ 2,.С. 213-217.

**[4-М]. Намозов А.К.** Навъҳои себҳои маҳаллӣ ва аҳмияти хоҷагии селексионии онҳо / А.К. Намозов // "Кишоварз"(Земледелец) ДАТ, - 2021.- № 3, -С. 61-64, ISSN 2074-5435

**Мақола ва мулоҳизаҳо дар маҷмуаҳои конференсия**
**ва дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:**

**[5-М]. Намозов А.К.** Тавсифи биоэкологии себҳои маҳаллии водии Ҳисор / С. Гулов, А.Намозов // Конференсияи 8-уми байналмилалӣ дар

мавзуи «Хусусиятҳои экологии гуногунии биологӣ», (ш. Хуҷанд, 3-4 октябри соли 2019. - С. 175-176.

**[6-М]. Намозов А.К.** Таъсири нуриҳои минералӣ ба рушд ва ҳосили дарахтони себ дар шароити Тоҷикистони Марказӣ / С. Абдуллоев, Ф.Қ. Давлатов, А.К. Намозов, Р.А.Шарипов, Ҳ.Н. Назиров // Конференсияи илмю назариявӣ байналмилалӣ дар мавзӯи: Истифодабарии усулҳои инноватсиони дар баланд бардоштани ҳосилнокии дарахтони мевадиҳанда, ангур ва зироатҳои сабзавотию картошка. Душанбе, 2022. -С. 29-33.

**[7-М]. Намозов А.К.** Маҳсулнокии навъҳои маҳаллӣ ва воридотии себ дар шароити водии Ҳисор / А.К.Намозов, Ҳ.Н. Назиров, С.М. Гулов // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи: Накши Пешвои миллат дар саноатикунонии соҳаи кишоварзии мамлакат ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин. Данғара, 2023. -С. 69-74.

**[8-М]. Намозов А.К.** Баҳодиҳии агробиологии навъҳои маҳаллӣ ва воридотии себ дар шароити водии Ҳисор / А.К.Намозов // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи: Накши Пешвои миллат дар саноатикунонии соҳаи кишоварзии мамлакат ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин. Данғара, 2023. -С. 74-81.

**[9-М]. Намозов А.К.** “Боғпарварӣ” тавсиянома Гулов С.М., Бобоев М.Т., Намозов А.К., Наботов Р.С Душанбе, 2021 С-35.

## Хулоса

Диссертатсияи Намозов Амонулло Каримхонович дар мавзуи “Омӯзиши муқоисавӣ навъу намунаҳои себҳои маҳаллӣ, интродуксионӣ ҷорӣ намудани беҳтаринҳо дар истеҳсолот” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси 06.01.05.–Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии мувофиқ ба ихтисос оид ба

дарёфти дараҷаҳои илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм тавсия карда мешавад.

Хулоса дар шуъбаи зироатҳои сабзавотӣ, полизӣ, дарахтони мевадиҳанда, ангур ва растаниҳои шифобахши Маркази миллии захираҳои генетикии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (Суратҷаласаи № 5 30.06.2023) бо иштироки 9 нафар қабул карда шуд.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** “**тарафдор**”-9 нафар, “**муқобил**” – нест, “**бетараф**”- нест,

**Раиси ҷаласа:**
Мудири шуъбаи зироатҳои сабзавотӣ, полизӣ, дарахтони мевадиҳанда, ангур ва растаниҳои шифобахши ММЗГ- и АИКТ. Аминов Х.Ф.

**Котиби ҷаласа:**
Ходими калони илмии шуъбаи зироатҳои сабзавотӣ, полизӣ, дарахтони мевадиҳанда, ангур ва растаниҳои шифобахши ММЗГ- и АИКТ. Багаров А.Т.

**Муқарриз:**
н.и.к. ходими калони илмии шуъбаи зироатҳои сабзавотӣ, полизӣ, дарахтони мевадиҳанда, ангур ва растаниҳои шифобахши ММЗГ- и АИКТ. Баротов Ф.М.

**Муқарриз:**
Ходими калони илмии шуъбаи зироатҳои сабзавотӣ, полизӣ, дарахтони мевадиҳанда, ангур ва растаниҳои шифобахши ММЗГ- и АИКТ. Шомуродова С.Б.

Имзоҳои Аминов Х.Ф., Багаров А.Т., Баротов Ф.М. ва Шомуродова С.Б. -ро тасдиқ менамоям:
нозири кадри ММЗГ-и АИКТ. Миҷгонаи М.

ШУЪБАИ КАДРҲО